**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Масъалаи идоракуни хавфҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои мубрам барои аксарияти бонкҳо ба шумор меравад. Бонкҳо бештар дар мавриди ҷалб намудани воситаҳои пулӣ таваккал мекунанд, зеро дар ҳолати қобилияти пардохтпазириро гум кардани бонк на танҳо моликони он, балки қарздиҳандагон низ воситаҳои пулии худро аз даст медиҳанд. Бухронҳои бонкӣ барои иқтисодиёти мамлакат яке аз ҳолатҳои нисбатан дарднок ба шумор меравад, зеро дар қатори он, ки қарздиҳандагон ва соҳибмулкони бонк талафоти бевосита мебинанд, ин вазъият ба туфайли манъ шудани амалиётҳои қарзӣ ва бадшавии сифати иҷроиши амалиётҳои ҳисобӣ дар иқтисодиёт ҳолати ногуворero ба амал меорад.

Дар шароити муосир фаъолияти бонкӣ бо хавфҳои гуногун алоқаманд мебошад, чунки мақсади бонкҳо ба даст овардани ҳадди аксари фоида буда, бонкҳо зимни ба анҷом расонидани амалиётҳо кушиш ба харҷ медиҳанд, ки хавфҳоро ба ҳадди ақал бирасонанд. Иқтисодшиносон дар таҳқиқотҳои худ қайд намудаанд, ки низоми бонкӣ дар раванди фаъолияти худ доимо бо хавфҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, бонкҳоро лозим аст, ки хавфҳоро бартараф накарда, балки онҳоро идора намоянд, инчунин таъсиррасонии онҳоро зери назорат гиранд. Ба андешаи муаллиф, идоракунӣ, пешгирӣ ва кам намудани хавфҳо, ки ба фаъолияти самаранокии бонкҳо таъсир мерасонанд, яке аз вазифаҳои калидии худи бонкҳо маҳсуб меёбанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронида муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити имрӯза ва омӯзиши адабиёти ватанӣ барои муаяйн намудани назария ва моҳияти суғуртакунии хатарҳои бонкиро муайян сохтан хеле мушкил мебошад. Инчунин, асоснок намудааст, ки фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла бонкҳо дар шароити номуайянӣ ба роҳ монда мешавад. Падидаи номуайянӣ дар натиҷаи нодурустии иттилоот, муносибатҳои сиёсӣ ва норасоии захираҳо, бинобар набудани касбии дурусти ҳайати роҳбарикунанда ё тафаккури шахсоне, ки ба қабули қарорҳои идоракунӣ таъсир мерасонанд, ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ҳамин ҳолатҳо унвонҷӯ андешаҳои олимони соҳаро дар шакли ҷадвал ҷамъ овардааст (ҷадвали 1, саҳ.9).

Муаллиф андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ҷамъбаст намуда, қайд намудааст, суғуртаи хатарҳои бонкӣ як намуди суғуртаест, ки барои ҳифзи ҳамаҷонибаи суғуртаи бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷиноятҳои бо иштироки кормандон пешбинӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, ташкили системаи комплексии

идоракунии хавфҳои бонкӣ ва самаранок истифода бурдани усулҳои алоҳида идоракунии хавфҳо бе ташкили таснифоти идоракунии хавфҳои бонкӣ ғайриимкон мебошад. Бо вуҷуди ин таснифоти суғуртакунии хавфҳои бонкӣ дар шакли расм хеле хуб таҳия гардидааст (расми 1, саҳ.10).

Илова бар ин, таваҷҷӯҳи унвонҷӯ ба хусусиятҳои асосии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ, таҳлил ва арзёбии суғуртакунонии хатарҳои бонкӣ, муайян намудани мушкилотҳои асосии суғуртакунии хатарҳои бонкӣ нигаронида шуда, бозори суғуртаи хавфҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва сифат рушдёбанда номидааст.

Аз таҳлилҳои пешниҳоднамудаи муаллиф маълум мегардад, ки дар нуҳ моҳи соли соли 2022 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар ба 225,0 млн. сомонӣ баробар шуданд ва нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2017 ба андозаи 75,9 млн. сомонӣ (150,9 фоиз) зиёд мебошад (ҷадвали 6, саҳ 16).

Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар кори илмии худ роҳҳои ҳал намудани мушкилоти суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ, самтҳои афзалиятноки суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ ва стратегияи ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ ва бонкҳои тиҷоратро таҳия ва пешниҳод намудааст.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар сатҳи зарӯри омода шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Аз рӯйи мазмуни автореферат хулоса бароварда, чунин мешуморем, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои навгонии илмӣ, арзиши амалӣ дошта, кори мустақил ва анҷомёфтаи таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Султонов Мусулмон Субҳонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
н.и.и., дотсент,
мудири кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуров К.Ф.

Имзои Сайфуров К.Ф.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

19-06-23

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе х. Рӯдакӣ 17.
E-mail: karom.bank@mail.ru
Тел: +992 935562992